# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа, 6D020600 – диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, доир ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 –фалсафа.**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**-доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович (09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов Саидамир аз рӯйи ихтисоси (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, Солиҷонов Расулҷон (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо.**

Диссертатсияи **Саидов Далер Муҳибуллоевич** дар мавзӯи «**Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ**» як қадами нав дар омӯзишу рушди масъалаҳои фалсафаи иҷтимоӣ дар фазои илмӣ-фалсафии ҷомеаи тоҷик мебошад. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Он вобаста ба равандҳои мураккабу мушкилоти замони ҳозира, мисли моҷароҳои милливу динӣ ва минтақавӣ, мушкилоти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иҷборӣ, инқилобҳои иҷтимоӣ, ривоҷи таассуби миллию динӣ, фаъолияти аҳзобу равияҳои ифротгарову террористӣ хеле афзудааст ва ҷаҳони муосирро ба яке аз мушкилоти хеле ногувор-мубориза зидди терроризми байналхалқӣ, гирифтор сохтааст. Модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна

ба бунбаст дучор шуда, ба ҷунбиши пурқуввати бунёдгарони исломӣ, ки моҳияти ифротгароӣ ва террористӣ доранд, такони бештар бахшидааст.

Ҳодисаҳои солҳои охири ин минтақа, мисли "Баҳори арабӣ", ҷанги шаҳрвандӣ дар Либия, пайдоиши "Давлати исломӣ", ҷанги шаҳрвандии тӯлонии Афғонистон ва ғайра намунаи фаъолияти ҳамингуна ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии онҳо ва таъсири онҳо ба ҳаёти кишварҳои мазкур қариб ба ҳама ошкор аст ва таҳқиқотҳои зиёде дар ин бора анҷом гирифтаанд. Аммо таъсири манфии маънавии ин ҳодисаҳо ба ҷомеа ва натиҷаи харобкоронааш ба ҳаёти маънавӣ ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст.

Ақидаҳои зарарноку мутаассибонаи ин равияҳо маънавиёти ҷомеаро заҳролуд карда, воситаи ҷалби диндорон, хусусан ҷавонон ба амалиёти харобкоронаю терористӣ гардидаанд. Таълимоти онҳо ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад.

Маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоишон муассиртар аст. Алалхусус, вақте идеологҳои онҳо ба аслҳое такия мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад. Аз ин рӯ кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон

додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст.

Диссертант қайд менамояд, ки талаботҳои маънавӣ зимни рушди инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ пайдо мешаванд, ташаккул меёбанд ва дар муҳити иҷтимоӣ, ки фардро фаро мегирад, вуҷуд доранд. Онҳо ба таъсири муҳит, таълиму тарбия вобастаанд ва хусусиятҳои инсонро дар нисбати хусусиятҳои табиии ӯ нишон медиҳанд. Арзишҳои маънавӣ аз ҷониби гурӯҳҳои эҷодкоре, ки ба меҳнати фикрӣ машғуланд, ба вуҷуд оварда мешаванд. Пас, истеҳсоли маънавӣ соҳаи махсуси ҳаёти иҷтимоӣ буда, ғояҳо, назарияҳо, арзишҳо ва дар ниҳояти кор инсонро ҳамчун инсон на чун мавҷуди табиӣ дар бар мегирад. Пас фаъолияти маънавӣ ба такмили ҳамаи дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, мисли иқтисодиёт, ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва амсоли он равона шудааст.

Диссертант дар рисолаи тадқиқотӣ-илмии худ иброз мекунад, ки бунёди навъи муқаррарии ҷомеа ва амнияти он ба тақсимоти ақлонии меҳнати ҷамъиятӣ ва самтгирии мувофиқи касбии шахсият мусоидат менамояд, ки ба ҳар як аъзои ҷомеа имконият медиҳад, мувофиқи касби худ ҳамчун шахсият ташаккул ёбад. Ҳукуматро зарур аст, ки байни касбҳо якрангии маънавиро нигоҳ дорад, то ки эҳсосоти иҷтимоии фардиятҳои ин ё он касб барои дигар синфҳо, дар асоси мавҷуд набудани монандии ахлоқ ва ақидаҳо, бегона нагардад. Дар чунин ҳолат якрангии функсионалӣ боиси якрангии маънавӣ мегардад, ки дар натиҷа, эҳсосоти коллективӣ метавонанд кӯшишҳои марказгурезро ба вуҷуд биёранд ва ин кӯшишҳо дар асоси тақсимоти меҳнат пурзӯр гардида, ба заиф гардидани коллектив оварда мерасонанд.

Дар диссертатсия назари муҳаққиқони зиёде атрофи мафҳуми “ифротгароӣ” оварда шуда, аз нуқтаи назари танқиди баҳогузорӣ шудаанд. Лекин то ба имрӯз мазмуне, ки умум эътироф карда бошанд, ҷой надорад. Аксаран, ифротгароиро ҳаракате, ки дорои сифатҳои манфии ба ҳадди ниҳоӣ расида дар сиёсат, дин ва дигар фаъолиятҳои иҷтимоӣ медонанд, ки барои амнияти мардум хатарҷост. Масалан, мақсади ифротгароёни исломӣ барпо

намудани хилофати исломӣ дар асоси шариат, таълимоти Қуръон ва суннат аст. Онҳо бо ҳар роҳе набошад, мехоҳанд бо мақсадҳои худ, ҳарчанд бо истифодаи зурӣ, ва ҷанг бошад ҳам, бирасанд. Ифротгароӣ ба маънии таассуб низ истифода мешавад, ки он метавонад динӣ, миллӣ, сиёсӣ ва ғ. бошад. Табиати ифротгароӣ бо терроризм аз баъзе ҷиҳатҳо ҳамоҳангӣ дошта бошад ҳам, лекин мафҳуми "терроризм" нисбат ба мафҳуми "ифротгароӣ" мураккабтар аст.

Маълумотҳои дар рисола оварда шуда нишон медиҳанд, ки диссертант аз сарчашмаҳои хеле зиёде истифода намуда, дар асоси таҳлилӣ он решаҳои зоҳиршави ва тамоюли ифротгароии динӣ дар раванди системаи муайяни муносибатҳои ҷомеа инъикос намудааст.

Диссертант дар рисолаи худ исбот намудааст, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати карахтии сиёсӣ-идеологӣ рӯ ба рӯ шуд ва гурӯҳҳои мухталифе бо истифода аз халои фикрию сиёсӣ ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ, бо дастгириву сарпарастии хориҷиён қувва ва маблағҳои зиёдеро барои ба ҷониби худ ҷалб намудани неруҳои нав аз ҳисоби насли ҷавон, сафарбар намуданд. Салафиён низ муборизаи худро дар солҳои 90-уми садаи гузашта дар Тоҷикистон бо ҳамин мақсад оғоз намуданд. Бояд фаромӯш насозем, ки як қисми масъулону аъзоёни ниҳоят мутаассиб ва гурӯҳи ифротию террористии ҲНИ маҳз онҳо буданд, ки бо амалҳои тахрибкоронаашон сабабгори сар задани ҷанги дохилии Тоҷикистон гардида буданд.

Дар чунин ҳолат ба назар гирифтани қобилияти гузаронидани корҳои огоҳнамоиву пешгирии афроде, ки дар ин кор сафарбар мешаванд, хеле муҳим аст. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаи мураккаб ошкор карда шавад. Зеро идеологҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ вобаста ба сатҳи рушди фарҳанги маънавии ҷомеа барномаҳояшонро тарҳрезӣ менамоянд. Дар ҳолати баланд будани сатҳи фарҳанги маънавӣ намояндагони ифротгароӣ ва терроризм чандон дар ҷомеа мақом пайдо карда

наметавонанд. Агар сатҳи фарҳанги маънавӣ дар ҷомеа коста бошад, таъсири ғояҳои радикалӣ дар он хеле зиёд мегардад ва бисёре аз афроди иҷтимоӣ, дар чунин шароит кӯшиш мекунанд, ки зиддиятҳои иҷтимоиро бо роҳи радикалӣ, ба таври куллӣ, бартараф намоянд. Дар натиҷа, ба амнияти маънавии ҷомеа хатарҳои ҷиддӣ таҳдид мекунад.

Арзишмандии тадқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:дар муқаддима дастгоҳи илмии тадқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;тасмим гирифта шудааст, ки мафҳум ва категорияҳои вобаста ба ифротгароии динӣ пурра баррасӣ шуда, ҷиҳати методологии кори тадқиқотӣ илмиро самаранок намудааст; дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи тадқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷавобгӯ аст; муаллиф аз тадқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисанамоӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст; методологияи интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқотӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсия навгониҳо барои ҳимоя ба таври мушаххас пешниҳод карда шудаанд:

- Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зерини он, ки навоварии рисоларо нишон медиҳанд ва таҳдидҳоро ба амнияти маънавӣ ифода мекунанд пешниҳод карда шудааст:

- мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст.

- ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷӯз ифротгароёни исломи инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир баён шуда қайд гардидааст, ки

муҳимтарин заминаи асосии таҳдиди амнияти маънавии ҷомеа сатҳи пасти маънавии қисме аз аҳолии худи ҷомеа аст.

- дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои ҷаҳони муосир пайдоишу вусъати фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки ба мушкилоту хусусиятҳои ин давраи тараққиёти кишварҳои ҷаҳони ислом алоқамананд, мебошанд, ки ба он боз сиёсатҳои худхоҳиву бузурги давлатӣ ва рақобати онҳо илова мешавад. Масъалаи мазкур ҳамаҷониба мавриди таҳлили илми қарор гирифта таъсири он ба амнияти маънавии баъзе кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷумла Тоҷикистон баён шудааст.

- роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

- усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот.** Дар он зоҳир мгардад, ки истифодаи натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда, дар шароити таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ метавонанд ҳам ба дарки ҳифзи моҳияти маънавии ҷомеа ва ҳам роҳу усулҳҳои ҳифзи амнияти маънавӣ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлати истифода гардида, предмети баҳсу мунозираҳо ва санҷишҳо гарданд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро метавон бо мақсади такмили минбаъдаи механизми рушди маънавии ҷомеа ва таъмини амнияти маънавии он истифода намуд.

Бо матни рисолаи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» шинос шуда, чунин натиҷабарорӣ кардан мумкин аст. Диссертант заминаҳои пайдоиш ва фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротиро таҳлилу баррасӣ карда, роҳҳои пешгирии онро дар воқеъияти амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик

мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, барои рафъи ифротгароии динӣ, дар ҷомеа тавсияҳои илмии назарас пешниҳод кардааст.

**Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Диссертатсияи тадқиқшуда ба талаботи илмии тадқиқотии фалсафа 6D020100 ҷавобгӯ буда, моҳият, заминаҳо ва омилҳои пайдоиши гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва таъсири онҳо ба бехатарии ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеии фалсафӣ-иҷтимоӣ, методологияи мувофиқи фалсафии омӯзиши амнияти ҳаёти маънавии ҷомеа, таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва зуҳуроти ифротгароӣ дар сатҳи зарурӣ ифода кардааст.

2. Тавсиф ва таҳлили умумии таъмини амнияти ҳаёти маънавӣ ҷомеа, пайдоиш ва инкишофи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар таҳқиқи ҳамҷонибаи фалсафӣ-иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.

3. Диссертатсия ба ихтисоси 6D020100-фалсафа мувофиқат мекунад;

4. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад;

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Саидов Далер Муҳибуллоевич дар 4 мақолаи илмии ӯ, ки аз ин шумора сетояш дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

6. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон бо номи С.Айнӣ таъйин карда шавад;

7. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «**Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ**» мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

Рустам Ҳайдаров - доктори илмҳои фалсафа, профессор муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи

М.Баҳҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Авғонова Зарина Асламовна – номзади илмҳои фалсафа, дотсент муаллимаи калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон бо номи академик М.С. Осимӣ

9. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

10. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия, пас аз таҳрир иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор /__________/ Қаҳоров Ғаюр Ғафурович

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /__________/ Ҷононов Саидамир

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /__________/ Солиҷонов Расулҷон

имзои / подпись Қаҳоров Ғ.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)